آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

21 апрели соли 2023
Ҷумъа
№ 32 (14940)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН РОҲБАРИ ҲАЙАТИ БИДҲИ САҲА-РО ҚАБУЛ КАРД

***Масъалаҳои омодагӣ ва баргузор намудани раъйпурсӣ оид ба дохил намудани тағйирот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо роҳбари ҳайати Бюрои институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (БИДҲИ САҲА) Алберт Йонссон, ки 20 апрел баргузор шуд, баррасӣ гардиданд.***



Роҳбари давлат бо қаноатмандӣ робитаҳои босамар, роҳандозии гуфтугӯи шаффоф ва конструктивро бо САҲА таъкид намуд.

Бояд таъкид кард, ки соли гузашта раиси САҲА, роҳбари ВКХ Полша Збигнев Рау, саркотиби созмон Хелга Шмид, Комиссари олӣ оид ба корҳои ақаллиятҳои миллӣ Қайрат Абдураҳмонов аз Ӯзбекистон боздид намуда буданд.

Экспертҳои Бюро дар такомули низоми миллии интихобот, аз он ҷумла таҳияи Кодекси интихоботии мамлакатамон иштирок намуданд.

Тавсияҳои ҳайати БИДҲИ бинобар ҷамъбасти васеи интихоботи умумихалқӣ дар Ӯзбекистон солҳои 2016, 2019 ва 2021 ба инобат гирифта шуданд ва ба амал татбиқ гардиданд.

Зимни мулоқот бинобар ҷанбаҳои мухталифи ташкили раъйпурсӣ бинобар стандартҳои баланди байналхалқӣ табодули афкор ба амал омад.

Раҳбари ҳайат Алберт Йонссон бобати ҷараёни минбаъд амиқ гардидани бозсозиҳои демократӣ дар Ӯзбекистони Нав, ки дар Конститутсияи таҷдидёфтаи мамлакат инъикос ёфтааст, дастгирӣ баён кард.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## ТАБРИК БА МАРДУМИ ӮЗБЕКИСТОН БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ ИДИ РАМАЗОН

*Ҳамватанони азиз!*

*Самимона аз таҳти дил шумо, тамоми мардумамонро ба муносибати ҷашни муқаддаси иди Рамазон, ки онро мусулмонони мамлакатамон, мисли тамоми уммати ислом бо хушнудӣ ва эҳсосоти зиёд ҷашн менамоянд, табрик менамоям ва ба ҳамаатон эҳтироми амиқ ва беҳтарин таманноҳоро изҳор мекунам.*

*Дар ин лаҳзаҳои шарафнок, ки қалбҳоямон бо нури шодӣ ва некӣ пур мегардад, мо пеш аз ҳама, Офаридгорро барои насиби бахт гардонданаш, ки чунин рӯзҳои равшанро дар фазои сулҳу фароҳмандӣ якҷоя бо халқамон пешвоз мегирем, шукргузорӣ менамоем.*

*Соли ҷорӣ чораҳои ногузир барои омодагии ҷиддӣ ба муносиб баргузор намудани моҳи муқаддаси Рамазон, ки аз қадим халқамон чун рамзи инсонпарварӣ, некӣ, шафқат ва меҳрубонӣ эъзоз менамоянд, андешида шуданд. Ин ба аҳли исломи мо имкон дод, ки тамоми таомулҳои ногузири диниро анҷом дода, ба дунёи махсуси рӯзаи моҳи муқаддас дохил гардем. Он чиз қобили эътибор аст, ки дар рӯзҳои Рамазон ҳазорон ҳамватанонамон дар шаҳрҳои муқаддаси Макка ва Мадина ҳаҷҷи умраро анҷом доданд. Мо дар ин дуо ва инояти Худовандро ба халқамон мебинем, ки эътиқоди худро ҳифз намуда, бо пиндори нек умр ба сар мебаранд.*

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Дар ҷараёни сохтмони Ӯзбекистони Нав дар масоили дин кор ба дараҷаи ҳарчи баланд бардошта шуд. Бешубҳа, халқамон, ҷамъият онро хуб медонанд, ки дар солҳои охир мо якҷоя бо шумо дар ин самт бисёр корҳоро анҷом додем.*

*Оғози фаъолияти марказҳои байналхалқии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотуридӣ, бунёди мадрасаи олии Мири Араб дар Бухоро, Мактаби ҳадис дар Самарқанд, бунёди маконҳои муқаддаси Абӯмуин Насафӣ дар Қашқадарё, Султон Увайси Қаранӣ дар Намангон, маҷмӯи Сузукота дар Тошканд, сохтмони даҳҳо масҷид, муассисаҳои таълими динӣ, ободонии маконҳои зиёратӣ ба ҳаёти маънавии мо чун саҳифаи дурахшон сабт гардиданд.*

*Аз ҳама муҳимаш ин кори доманфарох идома дорад, ки дар Ӯзбекистон сохта шудани Маркази тамаддуни исломӣ ва маҷмӯи ёдгории Имом Бухорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад.*

*Шароити боз ҳам муносиб барои озодона анҷом додани таомулҳои динии исломӣ фароҳам оварда мешаванд. Шоистаи таъкид аст, ки квотаи ҳаҷҷи умра бекор карда шуда, теъдоди зоирон, ки амали ҳаҷро анҷом медиҳанд, се маротиба зиёд карда шуд. Аз он ҷумла, танҳо дар даврai гузаштаи соли ҷорӣ беш аз 31 ҳазор ҳамватанонамон дар Макка ва Мадина зиёрат анҷом доданд, ки дар он ҷо ба Худованд бо нияти сулҳ ва шукуфоӣ дар мамлакатамон саҷда намуданд. Ҳамзамон ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии мамлакат маконҳои зиёратиро обод намуда, ба муҳтоҷон, оилаҳои камтаъмин мадади моддӣ ва маънавӣ мерасонанд, ки ин ҳама барои боз ҳам амиқ дарк намудани шаҳрвандонамон ба моҳияти инсонпарварии моҳи Рамазон хидмат менамояд.*

***Ҳамаи ин натиҷаи амалии кӯшишҳое гардид, ки ба таҳкими озодии виҷдон, эҳё ва эҳтироми арзишҳои диниву маънавӣ дар мамлакатамон нигаронда шудааст ва мо ин кори шарафнокро муттасил идома медиҳем.***

*Дӯстони азиз!*

*Тавре ки маълум аст, мо дар назди худ мақсади мустаҳкам намудани сулҳ ва оромӣ, фазои дӯстиву мусолиҳаро дар Ӯзбекистони азиз, таъмини ҳарчи бештари озодӣ, ҳаёти фароҳнок ва шукуфонро барои халқамон гузоштаем. Табиист, ки ҳамаи мо ногузирии аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам намудани муваффақиятҳои дар даврai гузашта ноилгаштаамон, аз он ҷумла тағйироти мусбиро дар соҳаи озодии виҷдон ва эътиқод хуб медонем, инро тараққиёти имрӯза ва фардои мо тақозо мекунад.*

*Аз фурсат истифода намуда, ба ҳамватанон, ба ҳамаи халқи бисёрмиллатаамон, дар роҳи муттасил пеш бурдани ислоҳот дар Ӯзбекистон, ки ба ҳимояи шараф ва қадри инсон, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии он, ба халқе, ки бо виҷдонона барои ободии Ватан заҳмат мекашад ва бо эҳсоси масъулияти амиқ ва дахлдорӣ ба сарнавишти он умр ба сар мебаранд, нигаронда шудааст, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Дар ин рӯзи шодмонӣ мо самимона мусулмонони тамоми давлатҳо, дӯстон ва шариконамонро бо иди Рамазон табрик менамоем, барояшон сулҳу субот ва ба мамлакат ва халқҳояшон шукуфоӣ орзу дорем.*

*Бори дигар шумо, ҳамватанони муҳтарамро, ки бо шодмонӣ Ид алфитри муқаддасро дар даврai хонавода, маҳалла пешвоз мегиред, табрик намуда, барои ҳамаатон тандурустӣ, бахт ва фароҳмандӣ орзу дорам.*

*Бигзор орзуҳои некатон, кӯшиши халқамон дар роҳи мақсадҳои олӣ ҷомаи амал пӯшад!*

*Иди Рамазон муборак бошад!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

***Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ 23 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 ФП-№270 «ДАР БОРАИ МУҚАРРАР КАРДАНИ РӮЗҲОИ ҒАЙРИКОРИИ ИЛОВАГӢ ДАР ДАВРАИ ТАҶЛИЛИ САНАҲОИ РАСМӢ ВА КӮЧОНДАНИ РӮЗҲОИ ИСТИРОҲАТ ДАР СОЛИ 2023»

Бо назардошти он, ки рӯзи аввали иди Рамазон ба санаи 21 апрели соли 2023 рост меояд, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои сазовор истиқбол гирифтани ин ҷашн ва дар сатҳи баланд гузаронидани он:

1. Ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 23 декабри соли 2022 ФП-№270 «Дар бораи муқаррар кардани рӯзҳои ғайрикории иловагӣ дар даврai таҷлили санаҳои расмӣ ва кӯчондани рӯзҳои истироҳат дар соли 2023» мувофиқи замима тағйирот ворид карда шавад.

2. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н.Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*соли 2023, 20 апрел*

Илова ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ФП-№58 аз 20 апрели соли 2023

### Тағйироте, ки ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 23 декабри соли 2022 ФП-№270 «Дар бораи муқаррар кардани рӯзҳои ғайрикории иловагӣ дар даврai таҷлили санаҳои расмӣ ва кӯчондани рӯзҳои истироҳат дар соли 2023» ворид карда мешаванд

1. Банди 1-ум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Дар соли 2023 рӯзҳои иловагии зерини истироҳат муқаррар карда шаванд:

барои ҳамаи кормандон: (сарфи назар аз намуди ҳафтаи корӣ): 2 январ – душанбе, 24 апрел – душанбе, 30 июн – ҷумъа;

барои кормандоне, ки ҳафтае шаш рӯзи корӣ доранд: 3 январ – сешанбе, 20 март – душанбе, 22 март – чоршанбе, 22 апрел – шанбе, 1 июл – шанбе, 2 сентябр – шанбе, 30 декабр – шанбе».

2. Аз банди 3-юм сархати панҷум хориҷ карда шавад.

3. Дар сархати дуюми банди 4-ум ибораи «Вазорати сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ» ба ибораи «Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ» иваз карда шавад.

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ТАҶЛИЛИ ИДИ РАМАЗОН

Мардуми мо аз имкониятҳои мусоиде, ки ба туфайли дар кишвар татбиқ шудани ислоҳоти васеъмиқёс оид ба баланд бардоштани қадри инсон, таҳкими фазои эҳтироми ҳамдигар, дӯстиву ҳамбастагӣ, таъмини ҳуқуқи ҳамватанон бобати озодии виҷдон фароҳам оварда мешаванд, самаранок истифода бурда, моҳи муборaки Рамазонро бо осоиштагиву хотирҷамъӣ ва шукрона таҷлил менамояд.

Хусусан, фаъолони маҳалла, намояндагони ҷавонон, занон ва пиронсолон, уламои динамон дар маҳалҳо корҳои зиёди маънавию маърифатиро ба роҳ монда, дар доираи амалҳои саховату меҳру муҳаббат аз ҳоли мардуми камбизоат, бекас ва маъюбон хабар гирифта, ба онҳо ёрии амалӣ мерасонанд, ки аҳамият ва моҳияти башардӯстонаи моҳи шарифи Рамазонро афзун мегардонад.

Ба сифати идомаи чунин амалҳои хайрхоҳонаи айёми бузург – ба мақсади сазовор истиқбол намудани Иди Рамазон ва дар сатҳи баланд баргузор кардани он, ҳифз ва васеъ тарғиб намудани сифатҳои накӯкорӣ, саховатмандӣ, олиҷанобӣ ва таҳаммулпазирӣ, ки дар моҳияти он таҷассум ёфтааст, дастгирӣ намудани нияту ормон ва орзуву саъю кӯшиши халқамон:

**1.** Бо дарназардошти қарори Шӯрои уламои Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, ки рӯзи аввали ҷашни Иди Рамазон ба **21 апрел (ҷумъа)** рост меояд, 21 апрели соли 2023 дар кишвари мо ҳамчун Иди Рамазон ба таври васеъ таҷлил карда шавад.

**2.** Ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба аҳолӣ ҷиҳати ба таври шоиста истиқбол намудани Иди Рамазон ва дар савияи баланд баргузор намудани он **24 апрели соли 2023 (душанбе)** барои ҳама кормандон новобаста аз намуди ҳафтаи корӣ рӯзи иловагии ғайрикорӣ муайян карда шавад.

**3.** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумитаи оид ба корҳои дин ва ташкилотҳои ҳамкор барои он ки ҷашни Рамазон дар асоси анъана ва арзишҳои миллии халқи мо сурат гирад, чорабиниҳои дахлдор ба амал баророванд.

Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати нақлиёт барои ҳамватанони мо дар рӯзҳои таҷлили Рамазон ба мақсади ташкил кардани зиёрати зиёратгоҳҳои муқаддас ва ҷойҳои таърихӣ шароиту имконяти мусоид фароҳам оварад.

**4.** Ба Ширкати миллии телевизиону радиои Ӯзбекистон, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба таҷлили Иди Рамазонро васеъ инъикос намоянд.

**5.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон М. М. Комилов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*20 апрели соли 2023*

## ЗУҲУРОТИ ОЛИИ ИНСОНПАРВАРӢ

Дар арафаи ҷашни моҳи муқаддаси Рамазон чун зуҳури сифати олиҷанобии мардумамон, мисли некӣ, меҳру инсонпарварӣ ва шафқат Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев **Фармонро «Дар бораи авфи гурӯҳи шахсоне, ки муҳлати ҷазоро мегузаранд, аз кардаи худ самимона пушаймон гардида, устуворона ба роҳи ислоҳ даромадаанд»**, имзо кард.

Бо ин Фармон бинобар банди 23 моддаи 93 Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон **541** шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят муҳлати ҷазоро адо намуда, сидқан аз карда пушаймон шуда, устуворона ба роҳи ислоҳ даромадаанд, авф карда шуд.

Аз ҷумлаи авфшудагон **374** шахс пурра аз адои ҷазои асосӣ озод карда шуда, **110** шахс аз адои муддати ҷазо шартан – пеш аз муҳлат озод гардида, муҳлати ҷазое, ки нисбати **18** шахс муқаррар гаштааст, ба ҷазои нармтар иваз карда шуд. Ғайр аз ин, муддати ҷазо ба намуди маҳрум намудан аз озодӣ, ки нисбати **39** шахс муқаррар гаштааст, кӯтоҳ карда шудааст.

Дар байни авфшудагон – **36** нафар шаҳрванди давлати хориҷӣ, **136** нафар занон, **75** нафар мардони синнашон аз 60 боло, **6** нафар шахсе, ки дар фаъолияти ташкилотҳои манъшуда иштирок намудаанд.

Дар доираи татбиқи Фармон ба масъулони вазоратҳо ва идораҳо дар бобати баргардондани шахсони авфшуда ба хонавода ва наздиконашон, ҳамдастӣ ба онҳо дар бобати мутобиқати иҷтимоӣ, ҷалбсозӣ ба меҳнати муфид, интихоби тарзи ҳаёти солим ва ишғоли ҷойгоҳи муносиб дар ҷамъият супоришҳо дода шудааст.

## ДАСТУРИ САРНАВИШТСОЗ

***Имрӯз дар ҳама ҷо сухан аз боби раъйдиҳии умумихалқӣ аст. Бисёриҳо суол медиҳанд, ки Референдум барои чӣ гузаронида мешавад, чӣ лозим омад, ки Сарқонун ё худ Конститутсияро аз нав қабул кунем ва монанди инҳо.***

Ҳама шоҳиди он шуда истодаем, ки дар шаш соли охир дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишварамон табаддулоти ҷиддӣ ба амал омад. Ҳуқуқи инсон, қадру қиммати ӯ дар мадди аввал гузошта шуд. Озодии сухан ва эътиқод натанҳо дар ҳуҷҷат, балки дар амал тадбиқ гардид. Дар соҳаҳои гуногун садҳо маҳдудият аз байн бардошта шуд. Бо кишварҳои ҳамсоя муносибатҳои дӯстона, рафтуомади бемамониат аз нав барқарор карда шуд. Масъалаи пули нақд ҳалли ниҳоии худро ёфт. Оид ба ҳамин масъала як чизро хотиррасон кардан мехоҳам.

То соли 2017 маоши моҳонаи кормандони соҳаи буҷет, аз ҷумла омӯзгорон пурра аз тариқи картаҳои пластикӣ пардохта мешуд. Қариб дар ҳамаи дӯконҳо ва нуқтаҳои харидуфурӯш нархҳо ду навъ буданд, бо пули нақд дигар хел, бо «пластик» дигар хел. Масалан, агар як халта ордро бо пули нақд бар ивази сад ҳазор сӯм харед, бо «пластик» як саду бист ҳазор сӯм бояд пардохт мекардед. Бозори ҳаннотон дар авҷ буд, маблағи картаҳои пластикиро бар ивази аз худ кардани 20-25 фоизи он пули нақд карда медоданд. Яъне, агар дар картаатон як миллион сӯм маблағ дошта бошед, маҷбур мешудед, дусад ҳазор сӯми онро бо розигии худ ба ин гуна «корчаллонҳо» дода, боқимондаашро бигиред.

Имрӯз шукри онро бояд кунем, ки ҳамаи ин нобаробарию нофаҳмӣ, тазйиқу фишор, паст задани ҳуқуқи инсон ва монанди инҳо барҳам хӯрданд. Барои он ки наслҳои оянда низ озодона, бе ягон маҳдудият аз чунин ҳуқуқ баҳравар гарданд, зарурате пеш омад, ки ҳамаи инҳо дар Қонуни асосии кишварамон инъикоси худро ёбанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# ДАСТУРИ САРНАВИШТСОЗ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Боз як омили дигари навсозӣ ва такмили Сарқонун дар он аст, ки кишвари мо аз ҳар ҷиҳат ба як давлати бузург табдил ёфта истодааст.

Имрӯз агар дар Ўзбекистон беш аз 36 миллион аҳолӣ умр ба сар барад, мувофиқи ҳисобу китобҳои олимони соҳа аҳолии кишварамон дар соли 2040 ба 50 миллион нафар расида, зиёда аз нисфи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Барои таъмини ҳаёти мувофиқ ва муносиби онҳо зарур аст, иқтисодиёти пойдор, давлати бехатар, идоракунии самаранок ва муҳофизати иҷтимоӣ кафолат дода шавад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки матни Сарқонуни навшудаистода танҳо аз ҷониби олимону мутахассисон дар утоқҳои корӣ омода карда нашудааст. Балки пеш аз ҳама дар ду марҳила фикру мулоҳиза ва таклифҳои аз ҷониби халқ пешниҳодгардида омӯхта шуда, пас аз он лоиҳаи Конститутсия таҳия карда шуд.

Конститутсияи таҷдидшудаю такмилёфта, мухтасар карда бигӯем, як дастури сарнавиштсоз барои тамоми халқу аҳолии кишвар аст. Аз ин рӯ, умед ва итминони комил дорем, ки 30-юми апрел дар раъйдиҳии умумихалқӣ ҳамаи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, фаъолона иштирок намуда, муносибати худро баён месозанд.

**Турдиқул ҲАСРАТОВ,**
**Аълочии таълими халқи Ўзбекистон,**
**директори мактаби таълими умумии рақами 29,**
**ноҳияи Сариосиё.**



*Хоҷагии фермерии «Толибҷон Ғаниҷон асаларичи»-и шаҳри Қувасой дар соҳаи беҳтар гардондани насли занбури асал, бештар маҳсулот гирифтан аз он ва парвариши авлоди нав аз хоҷагиҳои маъруфи ҷумҳурӣ мебошад. Акаи Ғаниҷон 30 нафар фарзандони маҳалларо ба шогирдӣ қабул кардааст.*

*Занбӯриасалпарварони фарғонагӣ дар кишварҳои рушднамудаи ИМА, Исроил, Русия, Украина, Канада, Австралия шуда, аз ҳамкасбони хориҷӣ таҷриба бардошта, ихтисосашонро такмил медиҳанд. Мутахассисони хориҷӣ низ ба ҷустуҷӯву навовариҳои занбӯриасалпарварони ўзбекистонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.*

***Дар сурат:*** *дар хоҷагии фермерии «Толибҷон Ғаниҷон асаларичи»-и шаҳри Қувасой.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

***Участкаи раъйдиҳии рақами 258-и ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба раъйдиҳии умумии бахшида ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҷумҳурӣ, ки 30 апрели соли ҷорӣ баргузор хоҳад гашт, комилан омода шудааст.***

# ОМОДАГИҲО БА МАЪРАКАИ МУҲИМ

Раиси участка Шаъбон Олимшоев гуфт, ки ҳамакнун панҷ дарсади варақаҳои раъйдиҳиро аъзои комиссияи раъйдиҳӣ дастрас кардаанд ва аз 19-уми апрел то 26-уми ин моҳ тибқи дастури раъйдиҳии ҷумҳурӣ раъйи пешакии мардуми маъзур пазируфта хоҳад шуд.

Ин ҳамон қишри овоздиҳандагонро фаро мегирад, ки нақшаи сафарашон ба хориҷ аз кишвар қаблан барномарезӣ шудааст ва ё далели раднопазир доранд, ки ширкати онҳоро дар раъйдиҳӣ маҳдуд месозад. Гуфта мешавад, ин чорабинӣ ба он сабаб амалӣ мегардад, ки маросими раъйдиҳӣ ба зиндагии рӯзмарраи мардум мамониате эҷод накунад ва ба меъёрҳои ҷомеаи демократӣ ва мардумсолорӣ, ки дар Сарқонун зикраш рафтааст, созгор бошад.

Назар ба гуфтаи Ш. Олимшоев, участкаи раъйдиҳӣ дар мактаби рақами 45-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чилгаз» воқеъ шуда, аз маркази ноҳияи Деҳқонобод дар масофаи 55 километр қарор дорад. Дар участка тамоми ҷиҳози зарурӣ: кабинаҳои овоздиҳӣ, мизу курсиҳо, аломатҳои самтнамо, дастури махсуси оид ба референдум дастрас шудааст. Аз ҷониби мутахассисони соҳа узви 11 нафараи комиссияи раъйдиҳӣ, ки иборат аз 5 нафар омӯзгор ва 6 нафар фаъолони ҷомеа ҳастанд, дар робита ба қоидаву қонуни баргузории чунин чорабиниҳои хеле муҳим омӯзонида шуданд ва кунун аз нозукиҳои кор воқиф ҳастанд.

Ба участка мардуми чаҳор деҳаи ин минтақа – Обихешон, Каворағӣ, Чилгаз ва як қасмати аҳолии Қишлоқи Калон омадаву раъйи худро хоҳанд дод. Дар маҳаллаи «Чилгаз» 2468 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки 1248 нафари онҳо ҳуқуқи раъй додан доранд.

Раиси ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Чилгаз» Шариф Норқулов гуфт, ки корҳои таблиғотӣ дар байни мардум ба таври бояду шояд ба роҳ монда шудааст. Дар ин авохир бо ҳузури 80 нафар бошандагони маҳалла дидорбиние барпо гардид, ки дар он муовини ҳокими ноҳияи Деҳқонобод Сайфиддин Темуров низ ширкат дошт. Дар вохӯрии мазкур сухан аз муҳим будани маъракаи раъйдиҳӣ ба ҷонибдории тағйиру иловаҳо дар Сарқонуни ҷумҳурӣ рафт ва ба ҷамъомадагон аз бартариҳои Конститутсия дар таҳрири нав маърӯзаҳо хонда шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**



*Садорати сайёҳӣ ва мероси мадании вилояти Навоӣ бо ҳамкории Донишкадаи иқтисодиёт ва сервиси Самарқанд инфо-тур ташкил намуд. Дар он вакилони зиёда аз 50 фирмаи сайёҳие, ки дар вилояти Самарқанд фаъолият мебаранд, иштирок карданд. Даставвал иштирокчиён бо масканҳои истироҳатии ҳудуди дараи Сармишсой шинос шуданд. Масоҳати маскани истироҳатии «Гранд Сармишсой» қариб 7 гектар буда, он аз ҷониби ҶММ «Муҳаббат боғи» ташкил шудааст.*

*Дар 30 коттеҷе, ки ҳар яки он ду ва чор утоқӣ аст, дар як вақт имкони ба 90 нафар сайёҳ хидматрасониро доро мебошад. Иштирокчиён инчунин дар маскани истироҳатии «Меридиан» шароит ва хидматрасонӣ ба сайёҳонро аз назар гузарониданд. Ин ҷо тақдимоти лоиҳаҳои рушди сайёҳӣ дар ҳавзаи обии Тӯдакӯл низ гузаронида шуд.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

# СОҲАИ МУҲИМ ВА МАСЪУЛИЯТНОК

Яке аз масъалаҳои мубраму муҳим, ки мавриди таваҷҷӯҳи умум қарор гирифтааст, ба бозорҳои мамолики хориҷӣ содир намудани маҳсулоти рақобатпазир ва сифатан ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобдиҳанда мебошад. Маҳсулоти содиротӣ баъди таҳқиқи сифати он дар лабораторияҳои аккредитатсияшуда ба хориҷ интиқол мeёбад ва ба дасти мизоҷони худ мерасад.

Дар як чорабинии минтақавие, ки корхонаи воҳиди давлатии «Маркази аккредитатсияи Ўзбекистон» дар ҳамкорӣ бо ташкилоти «Ҳамкориҳои минтақавии Осиё ва уқёнуси Ором оид ба аккредитатсия»(APAS) баргузор намуд, 21 нафар вакилон ба он даъват шуда буданд. Он таҳти унвони «Аккредитатсияи провайдерҳои санҷиши салоҳиятнок аз рӯи меъёрҳои байналмилалии ISO/IEC 17043:2023" ба вуқӯъ пайваст.

Иштирокчиёни чорабинӣ талабҳои стандарти байналмилалӣ, дуруст санҷидани маҳсулот ва муайян намудани сифати он аз тариқи лабораторияҳоро дар меҳвари гуфтугӯ қарор доданд ва перомуни он табодули назар намуданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ дар атрофи ҳолатҳое низ ибрози назар сурат гирифт, ки бар асоси нодуруст муайян намудани сифати маҳсулот аз тарафи провайдерҳои санҷанда метавонад иштибоҳҳои зиёде ба вуҷуд ояд ва рақобатпазирии маҳсулот ба мушкил мувоҷеҳ шавад.

– Дар шаҳри Тошканд баргузор намудани ин чорабинии минтақавӣ бесабаб нест. Президент Қонун дар бораи «Аккредитатсияи мақомоти арзёбии мутобиқат»-ро баъди баррасиҳо дар Палатаи қонунгузорӣ ва тасдиқи Сенати Олий Маҷлис ба имзо расонид. Ин ҳуҷҷат фаъолияти ниҳодҳои аккредитатсиякунандаро ба тартиб медарорад, – гуфт директори Маркази аккредитатсияи Ўзбекистон Ансабхон Зокиров.

Вай афзуд, ки Ўзбекистон ба созмони Ҳамкории аккредитатсияи Осиё ва уқёнуси Ором пайвастааст. Дар ин замина ҳар маҳсулоте, ки дар кишвар истеҳсол мешавад, бояд аз лабораторияҳои салоҳиятнок гузаронида шаванд ва ба андозаҳои байналмилалӣ ҷавоб дода тавонанд.

Ба сифати маълумот метавон илова намуд, ки ташкилоти APAC 1 январи соли 2019 дар натиҷаи муттаҳидшавии ташкилотҳои «Ҳамкориҳои аккредитатсияи ҳавзаи уқёнуси Ором» ва «Ҳамкориҳои аккредитатсияи лабораторияҳои Осиё ва уқёнуси Ором» таъсис дода шудааст. APAC ассотсиатсияи минтақавии аккредитатсия барои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором мебошад, ки аз ҷониби Форуми байналмилалии аккредитатсия (IAF) ва Шарики байналмилалии аккредитатсияи лабораторияҳо (ILAC) эътироф шудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## ХАБАРҲО

### ИШТИРОКИ НОГИРОҲО ДАР РАЪЙПУРСӢ

***Ногироҳо низ узви баробарҳуқуқи ҷомеа ва онҳо, чун шаҳрванди ин мамлакат, чун ҷонибдори тағйироти конститутсионӣ дар раъйпурсии умумихалқӣ метавонанд овоз диҳанд. Вале дар қитъаҳои овоздиҳӣ барои онҳо шароит фароҳам оварда шудаанд?***

Назар ба фикри масъулони Ҷамъияти ногироҳои Ўзбекистон бештар аз 730 ҳазор адад шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд қатори дигарон ба овоз додан ҳуқуқ доранд.

Зимни брифинге, ки дар пойтахт аз ҷониби Ҷамъияти ногироҳои Ўзбекистон рӯйи кор омад, таъкид ёфт бо мақсади мониторинг шарт ва шароити барои ногироҳо дар қитъаҳои овоздиҳӣ офаридашуда, дида баромадани муроҷиатҳои маслуқон марбут ба раъйпурсӣ ва омӯхтани дараҷаи имконияти ҷисмонии онҳо бо тавсияи ташкилоти мазкур 2 ҳазор нафар ногироҳо ба таркиби комиссияҳои қитъавӣ дохил карда шуданд. Дар ҷумҳурӣ бештар аз 10 ҳазору 700 қитъаи раъйпурсӣ мавҷуд, дар 5861-тои онҳо мониторинги ҷамоатӣ пеш бурда шуд.

Бовар мекунонем иштирок дар раъйпурсӣ барои ягон нафар ногиро мушкилот тавлид намесозад, гуфта шуд дар чорабинӣ.

### АДОЛАТИ ТАЪРИХӢ БАРҚАРОР МЕГАРДАД

***8 октябри соли 2020 фармоишоти роҳбари давлат оиди чораҳои иловагӣ доири амиқтар омӯхтани мероси қурбониёни табъид ва абадӣ гардондани хотираи онҳо ба имзо расида ва баҳри таъмини иҷрои ҳуҷҷати мазкур гурӯҳи кории ҷумҳурӣ таъсис ёфта буд.***

Инак, дар Суди Олӣ ҷиҳати сафед кардани номи қурбониёни табъид, ки то ҳол реабилитатсия нашудаанд, ҳаракатҳо пеш бурда мешаванд. Соли 2021 ҷамъ 115 нафар, соли 2022 120 нафар номи ноҳақ сиёҳшудагон сафед гардид ва адолати таърихӣ барқарор шуда бошад, ба наздикӣ бо саъйи гурӯҳи корӣ дар асоси моддаи 83-юми Кодекси ҷиноӣ-протсессуалӣ боз бештар аз 200 нафар ба рӯйхати сафедшудагон дохил карда шуданд.

### БАЧАҲО МАҚОМСАРОӢ МЕОМӮЗАНД

***Вақтҳои охир саъйу кӯшиш дар роҳи боз ҳам ривоҷ додани санъати мақоми миллӣ бештар самара мебахшанд.***

Сир ва нозукиҳои сарояндагии тарзи классикӣ дар мактабҳои мусиқӣ ва санъати бачагона,айни замон дар мактаб-интернатҳои махсус аз ҷониби мутахассисони соҳа омӯзонида мешавад. Аз ҷумла, таълими мусиқии аҷдод дар мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 22 дар ноҳияи Мирободи пойтахт хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳафтае се маротиба дар ин ҷо дӯстдорони ҷавони мақом машғулот гузаронда, вақти худро пурмазмун мегузаронанд. Ба студияи мақоми бачаҳо, ки дар ҳузури Саридораи маданияти шаҳри Тошканд ташкил ёфтааст, мактаби номбурда аз наздик ҳамкорӣ мекунад ва муносибатҳо бобати тарбияи истеъдодҳои ҷавон бенатиҷа намемонад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



## *Эътибор ба парвариши ғалла*

*Дар ин рӯзҳо дар ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон ба парвариши ғалла дар асоси қоидаҳои агротехникӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Дар ноҳия барои ҳосили соли равон аз ҷониби 91 хоҷагии фермерӣ ва корхонаҳои хоҷагии деҳот дар 4 ҳазору 871 гектар майдон ғаллаи тирамоҳӣ кошта шуда буд.*

*Хоҷагии фермерии «Бураматут гулшани» дар 130 гектар майдон ғалла парвариш менамояд. Ба майдони кишт поруи маҳаллӣ андохта шудааст, ғаллакорони хоҷагӣ тадбирҳои агротехникиро саривақт мегузаронанд.*

***Дар акс:*** *дар хоҷагии фермерии «Бураматут гулшани».*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# ОВОЗДИҲИИ ПЕШ АЗ МУДДАТ ОҒОЗ ШУД

***Бо қарори Комиссияи марказии интихобот рӯзҳои овоздиҳии пеш аз муддат дар раъйпурсӣ роҷеъ ба Қонуни конститутсиявӣ 19-26-уми апрели соли 2023 муайян шуда буд. Шаҳрвандон дар рӯзҳои корӣ аз соати 9:00 то 18:00, рӯзҳои истироҳатӣ ва ид аз соати 12:00 то 16:00 дар қитъаҳои раъйпурсӣ метавонанд овоз диҳанд.***

Дар қитъаҳои раъйпурсии вилоят дар рӯзҳои муайяншуда овоздиҳии пеш аз муддат оғоз гардид.

Омӯзгори литсейи академии назди Донишгоҳи давлатии ветеринарияи тиббӣ, чорводорӣ ва биотехнология Гулҷаҳон Ҳотамова аз сабаби 30-юми апрел бо сафари хизматӣ дар ҳудуди дигар шуданаш 19-уми апрел дар қитъаи раъйпурсии Мингтут-89-и шаҳри Самарқанд пеш аз муддат овоз дод.

– Дар ҳақиқат дар таҳрири нави Сарқонунамон бисёр тағйироти бузурге, ки бо ояндаи халқ ва давлати мо вобаста аст, дохил карда шудаанд. Бинобар ин ман ба раъйпурсӣ беэътибор нестам, вале дар рӯзи овоздиҳӣ ба туфайли кори илмиам дар сафар шуданам маълум шуд ва ба комиссияи қитъа муроҷиат карда, пеш аз муддат овоз додам, – гуфт Г.Ҳотамова.

Ба комиссия барои пеш аз муддат додани овоз ба миқдори 5 фоизи раъйдиҳандагон бюллетен оварда шудааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Маълум, ки воҳаи Сурхон минтақаи гармтарини Ўзбекистони офтобрӯя маҳсуб мeёбад. Маҳз ба ҳамин хотир аз ҳама пеш маҳсулоти сабзавоту полиз, меваҳои яке аз дигаре ширинтари боғу роғҳояш пухта мерасанду ба дасторхони мардум файзу барака мебахшанд. Иқлими мусоид, замини корам ва заҳмати деҳқону боғбонҳои меҳнатқарин ба ин сабаб аст. Шукр, ки новобаста аз хунукиҳои зимистони имсола аксари навъҳои дарахтони меванок ғӯра додаанд.***

# ЗАРДОЛУ ДАР ВОҲАИ СУРХОН ПУХТ

Чанд сол қабл аз ин аз тарафи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «SPN Humoagro»-и маҳаллаи «Халқобод»-и ноҳияи Тирмиз аз Туркия, Италия ва Юнон 18 навъ ниҳоли зардолу оварда, ба 58 гектар замин шинонид, ҳоло онҳо ба ҳосил даромадаанду инак навъҳои пешпазаки он пухта расидааст. Дар ин боғи бузурги бунёдгардида ҳар рӯз зиёда аз 10 тонна зардолу ҷамъоварӣ гардида, ба Русия экспорт карда мешавад ва аз рӯи талаботи мардум ба бозорҳои дохилӣ низ барои истеъмол мебароранд. Аз тарафи «SPN Humoagro» ба нақша гирифта шудааст, ки имсол 300 тонна маҳсулот ҷамъоварӣ гардида, ба миқдори 300-350 ҳазор доллар ба кишварҳои хориҷӣ содир шавад. Дар ин фирмаи аграрӣ 30-то ҷойи кори доимӣ ва 300-то ҷойи кори мавсимӣ ташкил карда шудааст. Инчунин, ба 30 гектар замин навъҳои гуногуни ниҳоли шафтолу шинонида шудаасту аз рӯи гуфтаи мутахассисон соли ояндa ба ҳосил медароянд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# БА ҲАМА ГУНА ШАКЛИ МОНЕЪШАВӢ БА ТАЪЛИМГИРИИ КӮДАК РОҲ ДОДА НАМЕШАВАД

Бинобар маълумоти Созмони байналхалқии меҳнат ҳоли ҳозир 218 миллион наврас қурбони меҳнати иҷборӣ мебошанд. 89 миллион нафари онҳо бо корҳои хавфнок ва зараровар машғуланд.

Дар кишвари мо солҳои охир ба муқобили меҳнати иҷборӣ корҳои бузурге анҷом ёфтанд. Ўзбекистон бо Созмони байналхалқии меҳнат ҳамкории фаъол дорад. Дар ин бобат 14, аз ҷумла 8 конвенсияи асосӣ, ҳамчунин конвенсияҳои вобаста ба мубориза алайҳи меҳнати наврасон ва меҳнати иҷборӣ тасдиқ карда шуданд.

Ҳамзамон асосҳои қонунгузории меҳнати иҷборӣ ва меҳнати наврасон мустаҳкам карда мешаванд. Аз ҷумла, солҳои 2018-2021 ба кодекс ва қонунҳои дахлдор тағйирот ва иловаҳо дохил карда шуданд. Ҷазоҳои маъмурӣ ва ҷавобгарии ҷиноӣ нисбати онҳое, ки аз меҳнати наврасон истифода мебаранд ё худ талабҳои дар ин бобат гузошташударо вайрон карда, бачагонро ба меҳнати иҷборӣ маҷбуран ҷалб менамоянд, мустаҳкам гардиданд.

Бахусус, дар кодексҳои «Дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ» ва ҷиноят зикр гардид, ашхосе, ки наврасони ба воя нарасидаро ба меҳнат ба тарзи маъмурӣ ҷалб кардаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ ё худ ҷиноӣ кашида мешаванд.

Бинобар иродаи қатъии сиёсии Президенти мамлакати мо солҳои охир дар кишвар ба меҳнати наврасон ва меҳнати иҷборӣ куллан барҳам дода шуд. Туфайли аз меҳнати иҷборӣ ва меҳнати наврасон даст кашидан бойкоте, ки нисбати пахтаи мо эълон гардида буд, бекор карда шуд. Дар натиҷа имконияти ба роҳ мондани робитаҳои ҳамкорӣ бо беш аз сесад бренди машҳуртарини ҷаҳон фароҳам омад.

Иқдомҳои муҳиме, ки алҳол барои ба дараҷаи конститутсиявӣ мустаҳкам кардани сиёсати давлат дар соҳаи мазкур гузошта мешаванд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ўзбекистон барои бо таълими босифат фаро гирифтани кӯдакон, ба амал татбиқ гардидани орзую омоли онҳо имкониятҳои зиёд фароҳам меоянд. Пайдост, ки агар барои таълим гирифтан, соҳиби касбу ҳунар шудан ва ба орзуву мақсад расидани наврасон шароити зарурӣ фароҳам оварда шаванд, ин ба пешрафт ва комёбиҳои онҳо мусоидат мекунад.

Зеро тибқи моддаи 44-уми Сарқонун тамоми шаклҳое, ки ба саломатӣ, бехавфӣ, ахлоқ, пешрафти ақливу ҷисмонии наврасон хатар ворид мекунанд, аз ҷумла, барои таълим гирифтани онҳо монеа ба миён меоваранд, манъ карда шудааст.

Бидуни муболиға метавон гуфт, ки меъёри мазкур дар таҳрири нави Қонуни Асосӣ ҳамчун кафолати ҳуқуқии пешгирӣ аз ҳама гуна шаклҳои меҳнати кӯдакон, ҳимоя кардан, барои аз ҳар ҷиҳат солим ва комил ба воя расидани онҳо хизмат мекунад.

Умуман комёбиҳое, ки дар мубориза бар муқобили меҳнати наврасон ба даст омадаанд, бидуни шубҳа, нишондиҳандаҳои муҳими муваффақияти ислоҳот дар Ўзбекистон ба шумор мераванд, онҳо барои баланд бардоштани обрӯи байналхалқии мамлакат ва афзудани суръати тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии он таъсири мусбат мерасонанд.

**Дилбар МАМАҶОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# БАРОИ ФАРОВОНҲОЛИИ АҲОЛӢ ВА РУШДИ КИШВАР ОВОЗ МЕДИҲЕМ

***Конститутсия бо таҳрири нав дар мураттабсозии тамоми самтҳо ва рушди демократии кишварамон ҳамчун таҳкурсии муҳими ҳуқуқӣ хидмат хоҳад кард. Меъёрҳои наве, ки ба лоиҳаи қонуни конститутсиявӣ дохил гардидаанд, дар пешбурди кулли соҳаҳо, аз ҷумла дар ташкили босамари ҳокимияти давлатӣ ёрӣ мерасонанд.***

Тавассути референдуми умумихалқӣ амалӣ гардондани ислоҳоти конститутсионӣ воқеаи калони сиёсӣ буда, ба он ягон фарди ин сарзамин набояд бефарқ бошад.

Мо бо иштироки фаъоли худ дар ин воқеаи таърихӣ ба ояндаи нурафшони Ўзбекистон овоз медиҳем. Аз тартиби овоздиҳӣ огоҳ менамоем. Комиссияи қитъаҳо шаҳрвандонро доир ба ҷойи овоздиҳӣ 10 рўз пеш аз гузаронидани раъйпурсӣ бохабар месозад. Шаҳрвандон бо шиносномаи худ ба манзили овоздиҳӣ рафта, аз рўйхат мегузаранд. Баъди имзо гузоштан, аъзои комиссия ба онҳо варақаи овоздиҳӣ – бюллетенро тақдим менамоянд. Дар бюллетени референдум пурсиши «Оё шумо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистонро оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон қабул мекунед?» сабт шудааст. Овоздиҳандагон ба хонаи махсус барои овоздиҳӣ даромада, ба бюллетен аломати дилхоҳашонро мегузоранд.

Бояд таъкид кард, ки овоздиҳӣ аз соати 8.00 субҳ то 20.00 бегоҳ гузаронида мешавад. Шаҳрвандоне, ки рўзи референдум имкони дар ҷойи зист буданро надоранд, ҳақ доранд пештар овоз диҳанд. Он 10 рўз пеш оғоз ёфта, 3 рўз пеш ба гузаронидани референдум анҷом меёбад. Баргузории овоздиҳии пешакӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ муайян карда, тавассути ВАО ба эътибори шаҳрвандонуназоратчиён расонда мешавад.

Шаҳрвандоне, ки пешакӣ овоз додан меҳоҳанд, ба комиссияи қитъавӣ бо ариза доир ба сабаби дар референдум иштирок карда натавонистан (таътил, сафари хидматӣ, ба хориҷ баромадан ва ҳоказо) мурочиат мекунанд. Баъди гирифтани бюллетен бо иштироки 2 нафар аъзои комиссияи қитъа ба рўйхат имзо мегузоранд. Сипас дар хонаи махсусе, ки барои овоздиҳӣ тайёр карда шудааст, даромада бюллетенро пур мекунанд ва ба конверт меандозанд. Ба конверт муҳр зада мешавад ва ду нафар аъзои комиссия имзо монда онро дар сейф мегузоранд.

Референдум баҳри татбиқи вазифаҳо доир ба фаровонҳолии аҳолӣ, рушду равнақи кишвар, мустаҳкам кардани қудрати иқтисодиву рақобатбардории мамлакати мо хидмат хоҳад кард.

**Улуғбек ТУЛАГАНОВ,**
**роҳбари шуъбаи адлияи Маркази хидматрасонии ҳуқуқии ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд.**

***Ба деҳаи Ўхм қадами зиёди шахсони бузург, нависандаву шоирон, аҳли фарҳангу адабиёт ва ҳунар расидааст. Мардуми он ва аҳли деҳоти атрофи он бо меҳмоннавозиҳои хеш ном баровардаанд.***

# ТАДБИРИ ТАРҒИБОТӢ ДАР ДЕҲАИ ДУРДАСТ

Ба қарибӣ ба муносибати барпо гардидани тадбирҳои тарғиботӣ оид ба қабули лоиҳаи Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон бо таҳрири нав ба деҳа як идда меҳмонон ташриф оварданд. Ҳунарманди мардумии Ўзбекистону Тоҷикистон Мардони Мавлон ва шогирдонаш ҳунарнамоӣ карданд. Аз шоирон, Ходими шоистаи маданияти Ўзбекистон Бобур Бобомурод, шоира Зулфия Муъминова, нависанда Нуралӣ Қобул ва дигарон ба сухан баромада, оиди аҳамияти қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон бо таҳрири нав сухан ронданд. Ҳамагонро ба он даъват намуданд, ки рўзи сиюми апрели соли ҷорӣ дар референдум фаъолнокӣ зоҳир намоянд, баояндаи кишвари азиз бефарқ набошанд.

Чорабинии тарғиботӣ дар руҳияи идона гузашт. Мардуми гирдомада дар ҳавои суруду мусиқӣ рақсу бозӣ намуданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Мономаркази «Ишга марҳамат»-и шаҳри Нуқус оиди ба касбу ҳунар ҷалб намудани шаҳрвандоне, ки бо кор банд нестанд, босамар фаъолият мебарад.*

*Маскани мазкур соли 2022 маҳорат ва дониши 3122 нафар шаҳрвандро сайқал додааст. Моҳҳои январу марти соли ҷорӣ 16 курси омўзиши соҳаҳои забономўзӣ (русӣ, англисӣ, корейсӣ, ҷопонӣ ва туркӣ), технологияҳои ахбор (IT) ташкил намуда, алҳол ин ҷо 1011 нафар дар асоси роҳхати марказҳои бокорбандкунӣ, 312 нафар дар асоси шартнома, ҷамъ 1323 нафар аҳолӣ дониш ва ҳунар меомўзанд. Мономарказ шахсонеро, ки аз ноҳияҳои дур омадаанд, бо хобгоҳ таъмин намудааст.*

***Дар сурат:*** *дар мономаркази шаҳри Нуқус.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# БО ДУО ЁД КУНАНД

Дар рўзҳое қарор дорем, ки аҳли мўъмин бо дуову тиловати Қуръон гузаштагонро ёд меоваранд. Хусусан, дар ҳақи рафтагоне, ки кору номи нек аз худ гузоштаанд, баробари суханҳои нек гуфтан ва сари эҳтиром назди хотираашон фуруд овардан оятҳо тиловат мешаванд.

Бобоҷон Эралиевро аҳли Сўх чун ҷавонмарди соҳибкор ва саховатпеша хуб мешинохт. Вай хеле бармаҳал аз меҳру навозиши падараш амаки Муҳаммадалӣ, ки дар дабистони рақами аввали ноҳия муаллим буданд, маҳрум монд. Модараш Очаикенҷа шабу рўз меҳнат кард, ўро ба сахтиҳо ба воя расонд, саъй намуд фарзандҳои қалбашон маҷрўҳ – норасидаҳояш аз ҳеҷ кас кам набошанд, ятимӣ ҳис накунанд.

Бобоҷон мактабро бомуваффақият тамом кард. Ба хондан рафт, Институти давлатии педагогии Қўқандро ба итмом расонд. Вале баъди бозгашт ба зодгоҳ худро бештар дар ҷабҳаи сохтмон – барпои бинову иншооти замонавӣ дар ҳудуд нишон дод, соҳибкори соҳибтаҷриба гашт. Бо татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратиаш ҳамчун ободгари диёр ном баровард. Аз ҷумла, дар бунёди бинои замонавии мактаби мусиқӣ воқеъ дар ноҳияи Янгиариқ сарубар гардид.

Мурдан ҳақ аст, вале инсон аз вафоти ногаҳонии касе, ки солиму бардам мегашт, муддате худро гум карда ва Бедили бузургворро ба ёд меовардааст, ки гуфтааст:

*Як қадам хок аст Бедил,*
*аз ту то домони хок,*
*Дар сари мижгон чу ашк*
*истодаӣ, ҳушёр бош!*

Ва Рўзи иди рамазон манзили Бобоҷон,ки дар 54-солагӣ зиндагиро падруд гуфт, хеле серодам. Бо дуо ёд мееваранд қарибонаш.

**Зарифҷон НАСРИДДИНОВ,**
**омўзгори дабистони рақами якуми ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона.**

*Туҳфаи Рамазон*

# МАЪРУФТАРИН ПИРИ ОЛАМИ ИСЛОМ

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### ТАЪЛИМОТ

Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, ки нияти ислоҳ кардан ва густариш додани тариқати хоҷагонро дошт, зикри хафиро, ки асосгузори ин тариқат Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ ҷорӣ карда буду дертар аз ҷониби пирони дигари силсилаи хоҷагон ба зикри ҷаҳрӣ табдил дода шуда буд, аз нав барқарор менамояд. Ҳамчунин ў амалиёти хилват ва самоъро барҳам зада, хилвати ботинӣ (дар зоҳир бо халқ будан, дар ботин бо Ҳақ будан)-ро тарғиб менамояд, ба ҳашт рашҳаи Юсуфи Ҳамадонӣ ва Абдухолиқи Ғиждувонӣ се рашҳа илова мекунад. Таълимоти Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд иборат аст аз:

**1. Шариат ва суннат.** Асоси таълимоти Баҳоуддини Нақшбандро, дар навбати аввал, риояи қатъӣ ба шариат, рафтан ба дунболи суннати пайғамбар (с.а.в.) ва парҳез аз ҳар гуна бидъат ташкил медиҳад. Баҳоуддини Нақшбанд тариқати худро иборат аз урват-ул-вусқо (дастаки мустаҳкам), яъне рафтан ба дунболи шариати пайомбар (с.а.в.) ва бо роҳи саҳобагон медонад. Ёдрас менамояд, ки ба ин тариқат тавассути қабули шариат ва амал ба суннатҳои расулуллоҳ (с.а.в.) метавон расид.

**2. Сайру сулук.** Баҳоуддини Нақшбанд дар таълимоти худ, ҳарчанд оиди аз кадом зинаҳо иборат будани сайру сулук чизе нагуфтааст, аз фикрҳои дар ҷойҳои гуногун ифода намудаи ў метавон чунин натиҷа гирифт:

**Иродат.** Аз нигоҳи Баҳоуддини Нақшбанд иродат – ҷараёни таслим (тобеъ)-и мурид ба муршиде ва тарки ихтиёр (аз баҳри ихтиёри худ баромадан)-и ўст. Дар ин маврид мурид бино ба қоидаи «иродат дар иродат аз баҳри иродат баромадан» иродаи худро тобеи иродати муршид месозад. Мурид бояд ба муршид тамоман тобеъ гардад, аз хати кашидаи ў берун наравад.

**Зинаҳои сайру сулук.** Тавре Алоуддини Аттор изҳор доштааст, муридон дар ҳузури Баҳоуддини Нақшбанд баъди тай намудани зинаҳои муроқабат – адам (нестӣ) – фано (фано гардидан) аз худ фано гардида, ба Ҳақ мерасиданд. Сўфиён дар назди Баҳоуддини Нақшбанд ба се табақаи аз поин болораванда ё ба се дараҷаи зерин ноил мегардиданд: 1. Муқаллидон; 2. Комилон; 3. Мукаммалон. Дар ин се дараҷа муқаллид ба шунидааш амал мекунад, комил аз вуҷуди худ наметавонад берун рафтан, мукаммал дар сатҳи комилро тарбиякунанда қарор мегирад ва комил бе тарбияи мукаммал ба камол расида наметавонад.

**Мақсад аз сайру сулук.** Аз нигоҳи Баҳоуддини Нақшбанд мақсад аз сайру сулук маърифати иҷмолӣ (дониши кўтоҳу умумӣ дар бораи зоту сифати Худо)-ро ба маърифати тафсилӣ (дониши батафсил ва васеъ дар бораи зоту сифати Худо) табдил додан аст. Агар дигар хел ифода кунем, мақсад аз сулуке, ки бо иродат тавассути зинаҳои муайянро гузаштан ба амал татбиқ мегардад, маърифат мебошад. Сўфии ба мақоми маърифат расида ориф номида мешавад. Зеро ориф сўфиест, ки дар роҳи расидан ба Худо ному сифат ва хусусиятҳои ўро пурра аз худ менамояд. Баҳоуддини Нақшбанд ба солики дар роҳи сулук бамақсадрасида чунин таърифро арзонӣ доштааст: «Баъди ба дараҷаи камолот расидани солик фарқ дар байни забону дили ў намемонад, яъне амалҳои зоҳирии ў садди роҳи амалҳои ботиниаш намегарданд. Дар ҳамон сурат ба онҳо рухсат дода мешавад, ки одамонро ба сўйи Ҳақ субҳонаҳу таоло даъват намоянд. Дараҷаи ба камол расидани солик он аст, ки ба ҳолати фано афтода, ба мақоми ҷазба – дараҷаи сайр филлоҳ (сайр дар Аллоҳ) расида бошад. Ў баъди давр задан дар ҷое, ки ҷазбаи илоҳӣ рўй медиҳад, ҷазбаи ботиниро ба кор бурда, дигаронро ба тасаррфуи худ дароварда метавонад, зеро ин тасарруфи ў дар асл тасарруфи Ҳақ субҳонаву таолост».

**Ҳосили сайру сулук.** Яке аз нишонаҳои асосии орифӣ, ки ҳосили сайру сулуки Баҳоуддини Нақшбанд мебошад, ин аст, ки фарқи ориф аз онҳое, ки ба дараҷаи орифӣ нарасидаанд дар он мебошад, ки вай ба се ҳолати зерин: муроқабат, мушоҳадат ва мусоҳабат афтода метавонад. Аз нигоҳи ў муроқабат – тавассути тамоми фикру хаёл ва диққату эътиборро ба Аллоҳ ҷалб кардан, ба ҷуз Ў ҳама чизро фаромўш кардан, мушоҳадат – бо чашми дил чизҳои ба олами ғайб дахлдорро дидан, мусоҳабат – сарҳисоб кардани ҳар як лаҳзаи умри пуштисаргузошта мебошад.

Яке аз натиҷагириҳои дигари сайру сулуки Баҳоуддини Нақшбанд эътибор ба валигист. Бино ба гуфтаи ў, валӣ шахсест, ки аз баъзе ҳолатҳои ғайбӣ огоҳ аст ва қобилияти каромат нишон додан дорад. Ў набояд аз ин хусусиятҳои худ мағрур гардад, кори ў эътибори бештар ба бандагист. Аз нигоҳи Баҳоуддини Нақшбанд шахсе, ки одамони дигарро ба тасарруфи худ дароварда метавонад, ў ба шариати пайғамбар (с.а.в.) ҳар қадар бештар бастагӣ пайдо мекунад, валигиаш ҳамон қадар бештар ошкор хоҳад шуд. Баҳоуддини Нақшбанд таъкид менамояд, ки валиён бояд валигии худро дар ҷойи даркорӣ зоҳир намоянд: «Кароматӣ шайх танҳо барои ба боварии мурид афзудан зоҳир магардад».

**3. Зикр.** Зикр мисле ки дар ҳамаи тариқати хоҷагон ҳаст, дар таълимоти Баҳоуддини Нақшбанд низ мавқеи марказиро ишғол кардааст. Аз нигоҳи ў моҳияти зикрро аз майдони ғафлат (Худоро ёд кардан) ба майдони мушоҳадат (бо чашми дил дидани Худо) гузаштан ташкил медиҳад. Баҳоуддин ёдрас кардааст, ки талқини зикр, яъне қоидаи ворид шудан ба зикрро аз Хоҷа Муҳаммад Бобои Самосӣ омўхтааст.

Баҳоуддини Нақшбанд ба аҳамияти зикри ҷаҳрӣ, ки аз давраи пири сеюми силсилаи хоҷагон – Хоҷа Маҳмуди Анҷирфағнавӣ то давраи шашуми силсилаи мазкур – Сайид Амири Кулол ба кор бурда шудааст, барҳам дода, зикри хафиро аз нав ҷорӣ менамояд.

Тавре ки дар манбаъҳо оварда шудааст: Сайид Амири Кулол ҳарчанд зикри ҷаҳриро худ ба кор бурдааст, вале ба корбурди зикри хафӣ аз ҷониби Баҳоуддин эътироз баён накарда, гуфтааст: «Ҳар як кори Баҳоуддин аз рўйи ҳикмати Худост. Бино ба эътиқоди Баҳоуддини Нақшбанд, зикри хафӣ ба кас бобати огоҳ шудан аз сирри худ кумак мерасонад.

**4. Рашҳаҳо.** Тавре ки дар боло қайд шуд, таълимоти хоҷагон-нақшбандия аз ёздаҳ қоида – рашҳаҳот (қатраҳо) иборат аст, ки чаҳортои аввали он – ҳуш дар дам, назар бар қадам, сафар дар ватан ва хилват дар анҷуман аз ҷониби Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, чаҳортои дигари он – ёдкард, бозгашт, нигоҳдошт ва ёддошт аз ҷониби Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ таълиф шудаанд, вале маҳз Ғиждувонӣ ин ҳашт рашҳаро яклухт тасниф намудааст. Баҳоуддини Нақшбанд, дар баробари барқарор намудани таълимоти Абдухолиқи Ғиждувонӣ, онро такмил дода, се рашҳаи дигар – вуқуфи ададӣ, вуқуфи замонӣ ва вуқуфи қалбиро илова менамояд. Яъне теъдоди рашҳаҳоро ба ёздаҳто мерасонад. Вале қоидаи вуқуфи ададӣ аз Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ боқӣ монда, онро ба ў Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ омўхтааст. Бино ба фикри Баҳоуддини Нақшбанд, вуқуфи ададӣ барои ворид шудан ба илми ладунӣ, вуқуфи замонӣ барои аз ҳоли худ ҳамеша хабар гирифтан, вуқуфи қалбӣ бошад, барои дар худ таъсири ҷазбаро ҳис кардан ва дар қалб ҷо кардани он аст.

Баҳоуддини Нақшбанд ба рашҳаҳои пеш аз худ ҷоригардида аҳамият додааст. Ў, аз ҷумла, дар баробари рад кардани амалиёти хилват дар таълимоти тасаввуфе, ки то вай вуҷуд дошт, сафар дар ватан ва хилват дар анҷуманро чун рашҳаҳое қабул кардааст, ки асоси таълимоташро ташкил медиҳанд. Зеро Баҳоуддини Нақшбанд, ки бар зидди таркидунёӣ ва гўшанишинии зоҳирӣ мубориза мебурд, бо меҳнати худ рўз гузаронданро тарғиб менамуд, дар сафар дар ватан сафари сўфиро бо олами ботинӣ – олами рўҳ медид, аз нигоҳи ў хилват дар анҷуман ҷисман дар ҳузури одамон, вале рўҳан бо Худо будани сўфиро ифода мекард. Баҳоуддини Нақшбанд бар он аст, ки солик набояд ақидаи тарки дунё ва гўшанишиниро бипазирад, вай бояд дар байни одамон бо касбу коре машғул шавад, вале Худоро ҳеч гоҳ аз ёд набарорад, фикру хаёлаш бо Худо банд бошад.

**5. Тасаввуфи фаъоли иҷтимоӣ.** Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд аз пайи Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ, ки зидди тарки дунё ва гушанишинӣ буд, меравад ва пайравони худро даъват мекунад, ки аз баҳри хилват баромада, роҳи суҳбатро пеш гиранд. Ба ин маънӣ мегўяд: «Роҳи мо суҳбат аст. Зеро хилват ба шуҳрат меафзояд, шуҳрат бошад, офат аст. Некӣ дар байни бисёриҳост, суҳбат халқи бисёрро ташаккул медиҳад. Ҳамчунин, ў таъкид менамояд, ки сўфӣ бояд мисли Ғиждувонӣ на аз ҳисоби дигарон, балки аз ҳисоби меҳнати ҳалол рўз гузаронад. Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, аз ҷумла, ба сўфиён мегўяд: шарт нест, ки барои сўфӣ шудан шумо гўшанишин шавед ва тарки дунё кунед. Ва пайравонашро ба машғул шудан бо меҳнати фаъоли иқтисодӣ даъват намуда, қоидаи «Дил ба ёру даст ба кор»-ро ба миён мегузорад.

### ХАЛИФАҲО

Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд шогирдони зиёдеро тарбия намудааст. Хоҷа Алоуддини Аттор (ваф. 1400), Хоҷа Муҳаммади Порсо (1348-1420), Хоҷа Яъқуби Чархӣ (ваф.1447) ва Хоҷа Алоуддини Ғиждувонӣ (ваф. 1448) аз ҷумлаи халифаҳои машҳури ўянд. Тавре ки дар «Мақомоти Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд» ва «Рашаҳот айн-ал-ҳаёт» оварда шудааст, Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд пеш аз вафоти худ роҳбарии тариқатро ба Хоҷа Муҳаммади Порсо супорида, пайравонашро даъват менамояд, ки аз дунболи ў раванд.

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

*Юнуси ИМОМНАЗАР*

# ҚИССАИ ҲОҶӢ

*(Порае аз қисса)*

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Дарвеш як дам хомўш шуд. Домулло сар боло карда гуфт:

– Хоҳишан, он ду ҷумлаи поёниро ҳам бихонед, мулло, донистани онҳо низ хеле зарур аст.

Дарвеш идома дод:

– Даст кашидан бар болои қабрҳо ҷоиз нест. Чаро ки он бидъат аст, василаи воқеъ шудан дар ширк мебошад. Боло рафтан ба кўҳи Уҳуд ва кўҳи Румот[2] кори ҷоиз нест, барои табаррук ҷустан ва бардоштани хоку санг ба он ҷо нашитобед.

Пуштамро ба рўйи таҳкурсии мармарӣ гузошта менишастам. Домулло низ ба ман пайравӣ карда дар паҳлуям ҷо хуш кард ва ҳамаро наздиктар ба гирдамон фаро хонд ва гуфт:

– Ҳоло мебинам, ки ҳар яки шумо майл доред ба ин гўристон даромада сари қабри шуҳадоро бо даст бимолед, ё ба мисли он ҷамъи одамон ба теппаи Айнайну кўҳи Уҳуд бароеду хокашро бибўсед, сангреза бичинед ва ташнагии дидору ёдкарди шаҳидонро бишканед. Бо ин кор, азизонам, ҳеч мақсаде ба каф наояд, беҳтар аст аз он амалҳои ноҷоиз парҳез кунед.

Ман бори аввал дар канори домулло нишаста суханҳояшро равшан мешунидам.

Беихтиёр кунҷковиам рў гирифту аз ў пурсидам:

– То ин ҷо, ки фаҳмидем, ин гўристони шаҳидон будааст. Магар ҷанге буда, ки онҳо дар роҳи Худо кушта шудаанд?

Дарвеш нигоҳе барқосо ба сўйи ман афканд, зоҳиран ҳеч дар пиндораш набуд, ки ман чунин суоле медиҳам. Аз чеҳрааш ҷилои мамнуниятро ҳис кардам. Домулло бошад, чун одати ҳамешагӣ, риши мишкии гирдашро бо ду ангушт ҳилолкунон ба қиссагўйӣ пардохт:

– Бояд донед, ки дини мусалмонон бар ивази саъю талошҳои фаровон ва набардҳо ба даст омадааст. Дар ин роҳ паёмбари мо ва ҳаммаслаку ёваронаш бисёр ҷонбозиҳо кардаанд, ки ҷанги Уҳуд аз он ҷумла аст. Вақте ки мушрикони Макка дар ҷанги Бадр шикасти дандоншикан мехўранд, барои интиқом гирифтан ба сўйи Мадина сипоҳ мекашанд. Ба муқобили онҳо паёмбар бо ёрони ҳамнабарди худ дар канори кўҳи Уҳуд мавзеъ мегирад. Чанд нафар тирандози худро бар сари теппае мегузорад, ки мушрикон натавонанд аз пушт ба неруҳояш ҳамла кунанд. Ҷанг оғоз мешавад, пас аз муддати кўтоҳе мусалмонон пирўз меоянд...

Овози домулло каме гирифт. Ду-се бор сулфид ва бо докаи гарданаш аз сурату чашмони сурхшудааш кашид. Дарвеш ба хомўшии ў тоқат наоварда гуфт:

– Аммо дар ин ҷанг паёмбар ва аскаронаш шикаст мехўранд...

Ҳама бо тааҷҷуб ба домулло рў овардем. Ў орому ботамкин изҳор кард:

– Оре, қариб ки ҳамин тавр. Нафси бад – балои ҷон, ҳисси соҳиб шудан ба ғаниматҳои майдони ҷанг сарбозонашро ба бероҳа бурд. Вақте ки аскарони ў пас аз пирўзии худ ба молу василаҳои душмани замингазида дармеафтанд, як идда тирандозаш низ сангарҳои худро тарк карда ба поён мефуроянд. Ана ҳамон дам ба сипоҳиёни Макка Худо медиҳад! Онҳо фурсатро ғанимат шумурда, теппаро давр зада, мусалмононро аз ду ҷониб муҳосира мекунанд. Дар ниҳоят, беитоатии ёварони расул барояшон гарон тамом мешавад, аз сўйи мушрикон зарбаҳои ҳалокатбор мебинанд. Ба бахти бад, он дам аз даҳон ба даҳон паҳн мешавад, ки паёмбар ба шаҳодат расидааст. Бо шунидани ин хабари наҳс сарбозони мусалмон пароканда шуда, бисёре аз онҳо саҳнаи набардро тарк мекунанд ва ба самти куллаи кўҳ мегурезанд.

«Э вой!», «Аҷабо!», «Чӣ бадбахтие», – аз ҳар сў баланд шуд садоҳои таассуфомези ҳамсафарон. Домулло иродаашро муҳкам гирифта ба нақлаш идома дод:

– Вале он дам паёмбар зинда буд! Ў бо нафарҳои ангуштшумор муқовиматро давом медиҳад. Дар ин набарди хунин Ҳазрати Алӣ аз расули акрам муҳофизат мекард. Ҳар ду сахт аз чандин ҷойи бадан захмӣ мешаванд. Вақте ки шоеъ шуд паёмбар зинда аст ва бо сипоҳиёни боқимондааш ба бехи теппа ақаб нишастааст, мушрикони Макка аз ҷанг даст мебардоранд. Мусалмонон шикаст мехўранд, вале мушрикон низ пирўз намеоянд. Ин набард ба андозае душвор буд, ки он рўз мусалмонон намози худро нишаста хондаанд. Пас аз хилват шудан, ба хотири хастагии шадид ва зиёд будани майит, паёмбар дастур медиҳад, ки дар як қабр ду ё се шаҳидро дафн кунанд. Дар канори ҳафтод нафар мусалмони кушташуда амаки паёмбар Ҳамза низ буд. Агар таърихи қатли ўро гўям, хеле асафнок аст...

Домулло дар ин ҷойи сухан ҳиқ-ҳиқ гиря кард. Ҳамсафарон ғарқи шунидани қисса хомўш менишастанд, нолаю шевани ўро дида ҳама андуҳгин шуданд. Домулло худро ба даст гирифт, суханашро давом дод:

– Дар он ҷанг ҷавони сиёҳпўсте ба исми Ваҳшӣ[3] бо васвасаи наҷот ёфтан аз бандагӣ дар камин менишаст. Ў тавонист дар гармогармии набардҳо фурсати муносибро дарёфта, бо найза Ҳамза алайҳиссаломро ба шаҳодат расонад. Сипас бо амри Ҳинд, ки ҳамсари Абусуфиён буд ва барои ситондани хунбаҳои падару бародари худ ба шиддат аз пайи қасд мегашт, синаи ҳазратро шикофта ҷигарашро берун кашид ва ба ў дод. Нақл мекунанд, ки он зани малъун ва хабис ғарқ дар оташи қасос тиккае аз ҷигари ҳанўз гарми муслими шуҷоъ ва нерумандро ба даҳон бурд. Саъй кард онро бихояд, вале қудрати Худоро гардам, ҷигар мисли устухон сахт шуд! Зан онро бо хашм аз даҳон берун андохт. Ҳинд бешармона аз ин кори зишти худ ситоиш карда дар миёни мардум месуруд: «Доди худро дар Уҳуд аз Ҳамза гирифтам, чандон ки ҷигарашро аз ҷигаргоҳ шикофтам!»... Аз он пас, паёмбар ўро ҷигархор номид, ки баъдан дар таърих он зани малъун бо номи «Ҳинди ҷигархор» шинохта шуд. Ҳатто фарзандонашро бачаҳои ҷигархор меномиданд. Боз ҳам таассуфовар он буд, ки мушрикон қатли Ҳамзаро кам дида, бадани ўро мусла[4] кардаанд...

Дубора ҷамъи мо даст ба хомўшӣ дод. Маълум буд, ки ҳар кас аз қиссаҳои ғамангези домулло ба риққат омадааст. Ҳатто мани бепарво сахт дар ҳошияи ғусса фурў рафтам, хаёлан ба ҳоли мазлумонаи паёмбару шариконаш дар он замон дилам сўхт. Каме баъд, лаҳзаи ҳасрату сарафкандагиро домулло шикаст, ў бо овози маҳину ширадори худ ба хондани фотиҳа пардохт. Зану мард гўшу хуш ба ў шудем.

Ғусса кўҳро об мекунад, пас аз дуою ниёишҳо ҳама сархаму малул доманаи кўҳи Уҳудро тарк кардем. Савори автобус то хеле ҷо хомўш дар худ гирифта рафтем, ман саргарми тамошои манзараҳои ду ҷониби роҳ будам. Ниҳоят, домулло дар паҳлуи ронанда рў ба мо нишаста, ба сухан пардохт:

– Бештар аз як моҳ дар шаҳрҳои муқаддаси Мадинаю Макка хоҳем монд ва дар ин муддат, иншоаллоҳ, ҳаҷҷи таматтуъро анҷом медиҳем. Аввал амалҳои умра ва бо гузарондани чанд рўзи зиёрату тавофҳо маносики ҳаҷро адо хоҳем кард. Ин даму рўзҳое, ки дар ихтиёр дорем, бароямон ғанимат аст, саъй кунед аз ҳар лаҳзаи ба сар бурдан дар ин диёри биҳиштӣ босамар баҳра баред. Дар ин ҷо буда аз тоату ибодат дурӣ ҷустан, намозро қазо кардан, дар зиёрату тавоф кўтоҳдастӣ намудан ба шаъни ҳоҷӣ намезебад. Аз ҳамин рўзҳои нахуст то поёни сафар амалҳои худро чунон бо дили пур анҷом диҳем, ки дар поён иҷобат шудани дуои «ҳаҷҷи мабрур, саъйи машкур ва зунби мағфур» ба мо муяссар гардад.

Дар миёни суханҳои домулло Дарвеш нигоҳе ба сўйи ман афканд. Оҳиста-оҳиста ба ин гуна чашмандозиҳо одат мекардам. Ҳоло низ аз нигоҳҳояш хондан мушкил набуд, ки гуфтан мехост, «бубин, танбалию канораҷўйӣ хоси мо нест!». Ман бошам, ҳанўз наметавонистам асли ҳақиқатро бипазирам. Ҳар гуна тоату саҷдаю намоз дар зеҳнам ҳамчун афсона метофт, ба одами дигар шуданам шак мебурдам. Ин дам равшан ҳис кардам, ки дар дарунам гўё ду аждаҳо ба ман амр медиҳанд – яке мегуфт: «бо худ бимон», дигаре талаб мекард: «бо ҷамоа бирав». Дар лобалои гурроси мошин садои домулло риштаи хаёлангезиҳои маро гусаст, ў мегуфт:

– Минтақаи Қубо аз ҷумлаи маҳалҳои хушбоду ҳавои атрофи Мадина аст. Қубо нахустин масҷидест, ки онро бо амри расули Худо бино кардаанд. Дар ҳадис аз қавли паёмбар омада: «Касе, ки дар хонааш вузўъ гираду аз он пас ба масҷиди Қубо дарояд ва ду ракъат намоз хонад, савоби як умраро мебарад». Инак, мо ин саҷдагоҳи табаррукиро, ки масҷиди тақво низ меноманд, зиёрат карда, ду ракъат намози таҳияи масҷидро мегузорем!

Азбаски роҳбаладӣ мо бисёр дилпазир сухан мегуфт, ман ҳар гоҳ саропо мафтуни қиссаҳои ў мешудам. Беш аз пеш ҳиссиёти аҷибе маро фаро мегирифт, саъй мекардам ҳеч чиз аз нақлҳояш ношунида намонад. Бо ин ангеза пурсидам:

– Барои чӣ аввалин масҷидро маҳз дар Қубо сохтаанд? Оё сабаби ҷиддие будааст?

Домулло ба дурустии пурсиши ман бо ангушт ишора карда, бо иштиёқ суханашро пай гирифт:

– Аз ҳиҷрати паёмбар ба Ясриб, ки ҳамин Мадина аст, мардуми шаҳр огоҳ буданд. Барои ҳамин, бисёр аз бузургони маҳаллӣ ба ҷануби Ясриб меоянд ва дар рустои Қубо интизори омадани он ҳазрат мемонанд. Хеле мехостанд расули акрамро то шаҳр ҳамроҳӣ кунанд. Ниҳоят, он лаҳзаи деринтизор фаро мерасад, паёмбар дар Қубо пиёда мешавад, вале аз рафтан ба шаҳр худдорӣ мекунад. Ў изҳор медорад: «То Алӣ наояд, ман ба Мадина нахоҳам рафт!». Он дам Ҳазрати Абубакр мегўяд: «Шояд Алиро кушта бошанд, шояд ба ин зудиҳо нарасад? Бузургони Мадина дар интизори шумо ҳастанд». Аммо паёмбар бо таъкид гуфтааст: «Худо ба ман хабар дода, ки Алӣ сари ҳол аст ва ба зудӣ ба ман ҳамроҳ мешавад».

**(Давом дорад).**

*2 Румот – кўҳи Айнайн низ хонда шавад.*

*3 Ғуломи Ҷубайир бин Мутъим.*

*4 Мусла – буридани гўшу бинӣ (ҳамчун ҷазо барои ибрати дигарон).*

## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИЁТИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

*кулли мардуми Ӯзбекистонро бо фаро расидани*



# ИДИ РАМАЗОН

муборакбод намуда, ба ҳар қадоми онҳо пеш аз ҳама, тансиҳатӣ, иқболи нек, рӯзгори босаодат ва хонаи ободу зебо орзу менамояд!




## ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

тамоми мардуми кишварро ба муносибати




# ИДИ РАМАЗОН

муборакбод менамояд!



*Ба ҳар як хонадон сулҳу оромӣ, тансиҳатӣ, файзу баракоти фаровон орзу менамояд!*

## НАҚШИ ТАДБИРИ «ҲАФТАИ КИТОБХОНӢ» БА ҶАВОНОН

***Барои амалӣ намудани Қарори Президент аз 13 сентябри соли 2017 «Дар бораи рушду такомули кори табъу нашр ва паҳн намудани маҳсулоти китоб, баланд бардоштани маданияти мутолиа ва китобхонӣ, амалисозии дастури чораву тадбирҳо дар хусуси корҳои тарғиботӣ» солҳои охир як қатор корҳои босамар дар кишвар амалӣ мегардад. Дар вилояти Сурхондарё таҳти шиори «Миллати китобдӯст» бо ҳамкории Саридораи ахборот ва коммуникатсияҳои оммавии вилоят, Маркази ахборот-китобхонаи ба номи Адиб Собир Тирмизӣ, Донишгоҳи давлатии Тирмиз ва дигар ташкилоту муассисаҳо «Ҳафтаи китобхонӣ» баргузор шуд.***

Дар маросими кушодашавии чорабинӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо сайри китоб оғоз ёфт, дар хусуси корҳое, ки солҳои охир бахри баланд бардоштани маданияти мутолиа амалӣ гардидааст, мутахассисони соҳа ва нотиқон ҳарф заданд.

– Солҳои охир дар кишварамон ба масъалаҳои китобхонӣ ва маданияти мутолиа эътибор афзун шуд, ки ин бечиз нест, – гуфт ҷонишини ректор оид ба корҳои маънавӣ-маърифӣ ва кор бо ҷавонон Обид Шофиев. – Мо дар ин таълимгоҳи олии бонуфуз ба китобхонии ҷавонон эътибори алоҳида медиҳем. Ҳар гуна озмунҳо созмон дода, ба беҳтарин китобхонҳо мукофотҳо низ месупорем.

Дар доираи «Ҳафтаи китобхонӣ» дар саросари шаҳру навоҳии вилоят бо иштироки шоиру нависандагон ва эҷодкорони ҷавон тақдимоти китобҳои тозанашр ва вохӯрӣ бо онҳо баргузор гардид.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Ба пешвози Рӯзи хотира ва қадр*

# ЗИНДАГИИ ИБРАТБАХШИ МУАЛЛИМИ ҶАНГОВАР

Зиндагии инсон шабеҳи рангинкамон аст. Он ба ҳар ранг ҷило медиҳад. Ҳаёти инсон якранг набудааст. Он пасту баландӣ ва бурду ноомадиҳо доштааст. Шириниву завқи зиндагӣ ҳам дар ҳамин будааст. Дар ин ҳама ҷараён инсонро сабру бардошт, маънавияти воло зарур мебошад.

Қаҳрамони мо аз ин ҳама таззодҳо орӣ набуд. Санҷишҳои зиндагӣ ӯро аллакай овони кӯдакӣ имтиҳон карда буд. Турсунмурод дар сесолагӣ аз падар ятим монд. Тарбия ва парвариши ӯ ба зиммаи модар ва бародараш Субҳон монд. Ба умед ӯро Турсунмурод ном ниҳодаанд. Ӯро умри дароз хостанд, то ба мақсаду мурод бирасад.

Турсунмурод 10 феврали соли 1918 дар деҳаи зебоманзари Миёни донич аз оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Овони кӯдакиву наврасии ӯ дар ҳамин деҳаи боғали кӯҳ гузаштааст. Деҳаи Миёни донич ду гузар дошт: Миёни доничи поёнӣ ва Миёни доничи болоӣ. Деҳа дар самти чапи сой дарозо тӯл кашида буд. Хонаҳо аз санг бунёд ёфта, гузарҳоро тангнои дара аз ҳам ҷудо менамуд. Овони наврасии Турсунмурод байни ду гузар сари сангу харсангҳо ва қуллаҳои кӯҳӣ бо ҳамсолонаш гузаштааст. Бачаҳои кӯҳистон одатан чустучолок ба воя мерасанд. Кӯҳгардӣ онҳоро одат буд. Ҳаррӯз ба қуллаи номдори Тахти сафо буромаду фуромад доштанд.

Соли 1930 дар деҳа мактаб ташкил ёфт. Турсунмуроди дувоздаҳсола ба мактаб рафт. Ӯро шавқи баланд бурд ба хондан. Қобилияти хуби қабул дошт. Зуд хондану навиштан омӯхт. Мехост ҳунар омӯзад, ба модару бародар кӯмак намояд. Ба ин мақсад моҳи сентябри соли 1936 ба курси панҷмоҳаи муҳосибии шаҳри Ҷиззах дохил шуд. Пас аз хатми он дар колхози «Ҳаёти нав» дар вазифаи ҳисобчӣ фаъолият намуд. Ӯро, ки қобилият ва саводи хуб дошт, ба газетаи «Париж коммунаси» ба кор даъват намуданд. Солҳои 1937-1939 он ҷо ҳамчун ҳуруфчин фаъолият намудааст.

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ шараф, дарси мардонагӣ буд. Моҳи октябри соли 1939 Турсунмуроди обутобёфтаро ба хидмати ҳарбӣ даъват намуданд. Сол ноором буд. Ҷанги дуюми ҷаҳон оғоз ёфт. Омодагии ҳарбиро хуб гузашт. Рутбаи сержантро гирифт. Олмони фашистӣ аҳдшиканона ба сарзамини Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷум намуд. Турсунмуроди ҷасурро рӯзҳои аввали оғози ҷанг ба хати пеши фронт сафарбар намуданд. Ӯ дар хати пеши фронти дуюми Белорус чун командири бригадаи артиллеристӣ адои хизмат намуд. Ӯро чун командири кордону фаъол ҳамон соли 1941 ба сафи ҳизби коммунист пазируфтанд. Бригадаи артиллеристони Турсунмурод дар озодкунии шаҳри Валдай фаъол иштирок намуд. Барои ин корнома Турсунмурод бо медали «За отвагу» сарфароз гардонида шуд. Дар ҳамин муҳориба ҷароҳат гирифт. Пас аз се моҳи табобат боз ба хати пеши фронт баргашт.

Соли 1942 ҳангоми мудофиаи роҳи Волокаламск – Ленинград дар ҷанги болои яхи кӯли Илмен бори дуюм захм бардошт. Пас аз табобат боз ба фронт баргашт. Ва ҳангоми озодкунии шаҳри Новохапёрск бори сеюм маҷрӯҳ гардид. Ду моҳ дар госпитали шаҳри Ярославл табобат гирифт. Барои корномаҳояш бо медали «За боевие заслуги» тақдиронида шуд.

Ӯ, ки забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекиро хуб медонист ва ба замми ин таҷрибаи ҳуруфчинӣ дошт, ба газетаҳои дузабонаи «За Родину» ва «Ватан учун» ба кор фиристоданд. Кор дар редаксия ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, маънавияту маърифати Турсунмурод бетаъсир намонд. Ин ҷо ӯ бо нависандаи маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода, адибони ӯзбекзабон Назармат Эгамназаров ва Ваҳҳобҷон Ашуров паҳлу ба паҳлу фаъолият намуда, бо онҳо ошноӣ пайдо намуд. Бо чунин адибони номдор ҳамкорӣ намудан бахт буд Турсунмуродро. Ва то дами вопасин бо онҳо робитаи қавӣ дошт.

То моҳи ноябри соли 1946 ӯро дар редаксия нигоҳ доштанд. Ба ҷавонон сиру асрори ҳуруфчиниро омӯзонд.

Турсунмурод охири моҳи ноябри соли 1946 ба зодгоҳ баргашт. Ва аз 10 декабри соли 1946 дар мактаби рақами 28-уми деҳаи Эҷ (ҳоло мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато) чун омӯзгори забони русӣ фаъолияти худро оғоз намуд. Турсунмуроди ташнаи илм мунтазам дониш ва таҷрибаи худро такомул медод. Ба ин ҳама қонеъ нагардида, солҳои 1949–1952 факултаи таърихи Институти муаллимтайёркунии Самарқандро хатм намуда, ба гирифтани ихтисоси муаррих ноил гардид. Ва то синни нафақа ба фарзандони ҳамдеҳагон дарс гуфтааст.

Чандин насли деҳоти Эҷро ҳаққи устодӣ дорад. Ба вижа муаллифи ин сатрҳоро. Тақрибан ҳашт сол аз устод сабақ гирифтаам. Зиндагиномаи устод худ як сабақест ҷавононро. Аввалин духтаре, ки аз деҳоти Эҷ хондан рафтаву маълумоти олӣ гирифтааст, маҳз духтари устод Моҳбика мебошад. Ин духтари шуҷоъ техникуми тиббиро хатм намуда, сипас факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намудааст. Ду писари устод – Ҷӯрабой ва Султонмурод пешаи падарро интихоб намуда, ҳоло ба кори омӯзгорӣ машғул мебошанд. Касби падарро сарбаландона пеш мебаранд.

Устод Турсунмурод натанҳо омӯзгор, балки боғбони моҳир низ буданд. Ҳамон себу шафтолу, ангуру чормағзҳои устодро ёд дорем. Ҳар фасли тирамоҳ сатил-сатил аз он меваҳои шаҳдбор ба мактаб меоварданд. Каминаро иттифоқ афтода, ки чанд сол бо устод якҷо фаъолият намудаам. Симояш ҳамон дар ёдам. Ҷуссаашон он қадар бузург набуд. Хеле чустучолок, марди меҳнаткаш буданд.

Умри пурбаракат ва ҳаёти намунавиро аз сар гузарониданд. Омаданро рафтан будааст. Устоди меҳрубон ва мушфиқи садҳо шогирдон соли 2000-ум реҳлат намуданд. Мегӯянд, ки кори неку зикри хайр зинда кунад номро. Аз устод кори неку зикри хайр боқӣ мондааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
*ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.*

***Дар Самарқанд Ҳафтаи санъати тасвирӣ ва амалӣ оғоз ёфт***

# РӮ БА РӮ БО ОЛАМИ ЗЕБОӢ

Аз рӯйи анъана зери садои карнаю сурнай дар шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Ӯзбекистон тадбири бошукӯҳ кушода шуд, ки дар он устодони мӯқалам, наврасони умедбахш, дӯстдорони санъати тасвирӣ ва меҳмонони хориҷӣ ширкат варзиданд.

Ходими шоистаи маданияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нуриддин Калонов барои талабагони мактаб-интернати махсуси Самарқанд ва факултаи педагогии донишгоҳи Ӯзбекистон – Финландия дарси маҳорат оид ба расмкашӣ, хоссатан кандакорӣ (гравюра) баргузор намуд.

– Ҳаккокӣ, яъне кандакорӣ аз рассом сабру таҳаммул, диди эстетикӣ талаб мекунад, – гуфт Н. Калонов, – бо вуҷуди он шогирдону пайравони ман ба ин равия ҳаваси калон доранд.

Чунин дарси маҳорату малакаи касбии худро рассоми мӯйсафеди соҳибтаҷриба Ҳабиб Исмоилов, академик, мусаввир Аслиддин Исоев ва дигарон низ гузаштанд.

Дар нигористони Усматбобо барои мухлисони олами зебоӣ намоишгоҳи «Қалби Самарқанд» ташкил гардид, ки дар он асарҳои рассомони номдори Самарқанд ба ҳукми мухлисони санъати тасвирӣ ҳавола шуданд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**

*САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4611 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.